*Бо қарори Ҳукумати*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*Аз 4 ноябри соли 2002*
*№419 тасдиқ шудааст*

# Стандарти давлатии таълимии маълумоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ:

Стандарти давлатии таълимии маълумоти ибтидоии касбӣ инҳоро муқаррар менамояд:

-талаботи муайянкунандаи заминавӣ ба сатҳи маълумоти хатмкунандагони муассисаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ;

-феҳрасти касбҳо ва ихтисосҳои маълумоти ибтидоии касбӣ;

-тартиби ворид намудани тағийрот ба Феҳрасти касбҳо, ихтисосҳои маълумоти ибтидоии касбӣ мақсадҳои зеринро дар бар мегирад;

-баланд бардоштани сифати омодагии касбӣ аз ҳисоби муқаррар намудани талабот ба натиҷаҳои таълим ва ба низом даровардани системаи назорати самаранокии корҳои муассисаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ, литсейи касбӣ;

-таъмини баробарии маълумоти ибтидоии касбӣ дар дохили кишвар ва берун аз он ҷиҳати иштироки бемамонияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори байналхалқии меҳнат.

## Мафҳумҳое, ки дар Стандарти давлатии таълимии маълумоти ибтидоии касбӣ истифода мешаванд.

Стандарти давлатии таълимии маълумоти ибтидоии касбӣ ин маҷмӯи талаботҳо ба сатҳ, мундариҷа ва сифати маълумоти ибтидоии касбӣ мебошад.

Маълумоти ибтидоии касбӣ – маълумот дар заминаи маълумоти асосии умумӣ, умумии миёна пурра дар муассисаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникӣ, литсейи касбӣ тибқи барномаҳои асосии таълими касбӣ, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Стандарти мазкур ҷавобгӯ мебошанд, амал карда, ба воситаи аттестатсияи ҷамъбастӣ ва ба хатмкунанда супоридани ҳуҷҷати маълумоти ибтидоии касбӣ хотима меёбад.

Ба хатмкунангоне, ки дар заминаи маълумоти асосии умумӣ қабул гардидаанд, ҳамчунин варақаи замима – ҳуҷҷати маълумоти миёнаи пурра дода мешавад.

3.Барномаи асосии таълимии касбии маълумоти ибтидоии касбӣ маҷмӯи ҳуҷҷатҳое мебошад, ки мутобиқи ин Стандарт маълумоти ибтидоии касбиро мутобиқи касбу ихтисосҳои мушаххаси сатҳи муайян муқаррар менамояд.

4.Мӯҳлати меъёрии таълими касбии барномаҳои асосӣ ва иловагии барномаи таълими касбии барномаи таълими касбии маълумоти ибтидоии касбӣ ҳангоми шакли рӯзонаи таҳсил дар заминаи маълумоти асосии умумӣ ва умумии миёна пурра татбиқ мешавад.

Сохтор маълумоти ибтидоии касбӣ – маҷмӯи барномаҳои маълумоти касбии аз ҷиҳати меъёр ва мӯҳлатҳо мухталифи маълумоти ибтидоии касбӣ, ки ҷузъҳои ҳатмии мундариҷаи маълумоти касбиро мутобиқи касбҳо ихтисосҳои мушаххаси маълумоти ибтидоии касбӣ ба инобат гирифта, сатҳи маълумоти ибтидоии касбиро арзёбӣ менамоянд.

6.Ҳуҷҷати маълумоти ибтидоии касбӣ, ки аз ҷониби муассисаи маълумоти ибтидоии касбӣ - омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ, литсейи касбӣ додашуда тасдиқ менамояд, ки барномаи асосӣ ва иловагии маълумоти касбиро бомуваффақият хатм намудааст ва ҳуқуқ дорад, ки дар дигар сатҳ таҳсилро идома диҳад ё мутобиқи тахассуси касбӣ ва ихтисоси гирифтааш фаъолияти касбиро анҷом диҳад.

7.Касб, ихтисоси маълумоти ибтидоии касбӣ – маҷмӯи донишҳо, маҳорату малакаҳо ва натиҷаи ба даст овардашуда, ки масъалагузорӣ ва ҳалли масъалаҳои дахлдори касбӣ, имконияти навъҳои муайяни фаъолияти касбиро мутобиқи ихтисоси додашуда таъмин мекунад.

Феҳрасти касбҳо ва ихтисосҳои маълумоти ибтидоии касбӣ, ин номгӯи танзимшудаи касбҳо, ихтисосҳо тибқи гурӯҳҳои касбу ихтисосҳои ҳамшабеҳ дараҷабандишуда тарбияи кадрҳо бо маълумоти ибтидоии касбӣ мебошад.

Гурӯҳи касбу ихтисосҳо дар Феҳрасти бо истифода аз рақами мавқеъ, гурӯҳҳо ва Феҳрасти касбҳо ихтисосҳо рамзгузорӣ карда мешавад.

Тахассуси касбҳо, ихтисосҳои маълумоти ибтидоии касбӣ – сатҳи таҳсил, омодагӣ ба иҷрои салоҳиятноки навъҳои муайян фаъолият аз рӯи касбҳо ва ихтисосҳои ба даст овардашуда мебошад.

Тахассусҳои мушаххаси дар доираи касбҳо, ихтисосҳо додашавандаро ин Стандарт дар қисми талаботи давлатӣ барои ҳадди ақали нигоҳдорӣ ва сатҳи омодагии хатм муқаррар менамояд.

3.Сохтори муассисаи маълумоти ибтидоии касбӣ-омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ, литсейи касбӣ, ҳуҷҷатҳо оид ба маълумоти ибтидоии касбӣ.

Маълумоти ибтидоии касбӣ дар сатҳҳои мазкур метавонад анҷом дода шавад: баъди маълумоти асосии умумӣ ва миёнаи пурра.

Мӯҳлати меъёрии таҳсил дар заминаи маълумоти асосии умумӣ 3 сол, дар ихтисосҳои алоҳида – 4 сол ва дар заминаи маълумоти пурраи миёна аз як то ду сол мебошад.

Дар тайёрӣ ҳамчунин сатҳи зинадор иҷозат дода мешавад ва ҳар як зина бояд ба хонандагон касбомӯзӣ ва тахассусҳои таълимиро таъмин намояд ва дар худмуайянкунии касбӣ барои васеъ шудани имкониятҳо мусоидат намояд. Ба охир расидани ҳар як зинаи барномаи асосии касбии таълимгирандагон бояд дар касбӣ бо мақсади аниқтар кардани дониш, таҷрибаҳои касбӣ ва азхудкунии касбҳои ҳамоҳангшуда,

ихтисосҳо ё хоҳиши гирифтани ҳуҷҷати Намунаи давлатӣ бо зикр намудани касб ё ихтисосе, ки барои аз рӯи ихтисос ба кор даромадан ё ҳангоми минбаъд баланд бардоштани тахассуси касбӣ давом додани таҳсил асос мебошанд, имконият диҳанд.

Барномаи мазкур тавассути аттестатсияи давлатӣ ба хатмкунанда додани тахассуси дахлдор, ки ҳуҷҷати намунаи давлатӣ, ки онро бо зикр намудани касб, ихтисоси маълумоти ибтидоии касбӣ тасдиқ менамояд, хотима меёбад.

Нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимии ба амал бароварандаи онҳо оиди тарбияи кадрҳо аз рӯи касбу ихтисосҳои маълумоти ибтидоии касбӣ, ки ҳангоми қабули ин Стандарт амал менамоянд, бо мӯҳлатҳои таҳсили муайяншуда ба барномаи асосии маълумоти касбии мутобиқаткунанда баробар карда мешаванд.

Мӯҳлатҳои мушаххаси меъёрии ва ихтисосҳои маълумоти ибтидоии касбӣ, инчунин шаклҳои ҳуҷҷатҳои Намунаи давлатӣ оид ба маълумоти ибтидоии касбиро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ ба шахсоне, ки сатҳи муайяни маълумоти ибтидоии касбӣ ва муассисаи маълумоти ибтидоии ккcбиро омӯзишгоҳи касбӣ – техникӣ, литсейи касбӣ, аз рӯи касбҳо ихтисосҳои ваколатдоркардашуда хатм намудаанд, дода мешаванд.

4.Талаботи умумӣ ба барномаҳои асосии касбии маълумоти ибтидоии касбӣ ва шартҳои татбиқи онҳо.

Ба Барномаҳои асосии касбии маълумоти ибтидоии касбӣ инҳо дохил мешаванд:

-фанҳои умумии башардӯстона ва ҷомеашиносӣ;

-фанҳои риёзӣ ва иҷтимоии иқтисодӣ;

-фанҳои умумикасбӣ барои гурӯҳи мазкури ихтисосҳо;

-таълими истеҳсолӣ ва таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ-касбӣ.

Ҳадди ақали мундариҷаи маълумоти ибтидои касбиро Стандарти давлатии таълими маълумоти ибтидоӣ-касбӣ муайян менамояд.

Барномаи асосии таълими касбии маълумоти ибтидоии касбӣ дар баробари фанҳои ҳатмии касбӣ бо хоҳиши хонандагон фанҳои факултативиро дарбар мегирад.

Агар маълумоти дуюми сатҳи мазкур дар доираи барномаҳои гирифтани маълумоти дуюми ибтидоии касбӣ ҳисобида намешавад.

Ба хонандагон ҳуқуқи гузаштан аз як барномаи асосии таълими касбӣ ба дигар барнома бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми давлатии идораи маълумоти ибтидоии касбӣ, ки дар соҳаи маълумоти ибтидоии касбӣ сиёсати ягонаи давлатиро муайян менамояд, дода мешавад. Ба гирифтани касбҳо, ихтисосҳои сатҳи муайян ва тахассус ба таври экстернатӣ иҷозат дода мешавад.

Меъёрҳои умумии сарбории таълимии хонандагон дар муассисаи маълумоти ибтидоии касбӣ омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ, литсейи касбӣ.

Ҳаҷми ниҳоии сарбории таълимии хонандагон, аз ҷумла ҳамаи навъҳои корҳои таълимӣ дар як ҳафта бояд аз 4 соат зиёд набошад.

Ҳаҷми умумии мӯҳлати таътили соли таҳсил на камтар аз ҳафтаро дарбар гирад, инчунин дар давраи замистон аз ду ҳафта кам набошад.

Тартиби тайёр ва тасдиқ кардани талаботҳои давлатӣ нисбати ҳадди ақали мундариҷа ва сатҳи тарбияи хатмкунандагон аз рӯи касбҳо ва ихтисосҳои мушаххаси маълумоти ибтидоии касбӣ.

Талаботи давлатӣ нисбат ба ҳадди ақали мундариҷа ва сатҳи тайёрии хатмкунандагон аз рӯи қоидаҳои мушаххаси маълумоти ибтидоии касбӣ бо қарори маҷлиси ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Талаботҳои давлатӣ нисбат ба ҳадди ақали мундариҷа ва сатҳи тайёрии хатмкунандагон аз рӯи ихтисосҳои мушаххаси маълумоти ибтидоии касбӣ қисми ҳамин Стандарти давлатӣ ба шумор меравад.

«Стандарти давлатии маълумоти ибтидоии касбӣ, талаботи давлатӣ ба ҳадди ақали мундариҷа ва сатҳи тайёрии хатмкунандагон» номида мешавад.

Стандарти давлатии маълумоти ибтидоии касбӣ аз рӯи ҳар як касбу ихтисос алоҳида таҳия мегардад.

Қоидаи назорати давлатӣ оид ба Стандарти давлатии маълумоти ибтидоии касбиро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Дар сурати аз ҷониби муассисаи маълумоти ибтидоии касбӣ омӯзишгоҳи касбӣ – техникӣ литсейи касбӣ риоя накардани талаботи Стандарти мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати он тадбирҳо андешида мешавад.

Феҳрасти касбҳо ва ихтисосҳои маълумоти ибтидоии касбиро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо таҳия менамояд, ки он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Феҳрасти касбҳо ва ихтисосҳои маълумоти ибтидоии касбӣ қисми таркибии ҷудонашавандаи Стандарти мазкур мебошад.

7.Тартиби ворид намудани тағйирот ба Феҳрасти касбҳо ва ихтисосҳои маълумоти ибтидоии касбӣ.

Пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйирот ба Феҳрасти касбҳо ва ихтисосҳои маълумоти ибтидоии касбӣ аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мешаванд. Ба пешниҳодҳо маводҳои зерин замима карда мешаванд:

а) асосҳои аҳамияти амалии касбҳо, ихтисосҳо;

б) аломатҳои фарқкунандаи касбҳо, ихтисосҳо;

в) дурнамои рушди касбҳо, ихтисосҳо дар асоси талаботи пешбини бозори меҳнат;

г) лоиҳаҳои талаботҳои давлатӣ бо нигоҳдории ҳадди ақал ва сатҳи омодагии хатмкунандагон.